Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Web:www.dsx.tj).

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Наимзода Насимҷон Кудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)**

Бояд қайд намуд, ки шомил намудани фаъолияти субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои он ба бозори хизматрасонии сайёҳии ҷаҳонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи мамлакат, аз он ҷумла унсурҳои иқтисодиёти “сабз” маҳсуб ёфта, ин раванд аз иқтидори захиравии соҳаи сайёҳӣ, таъмини самаранокии фаъолияти хизматрасонии сайёҳӣ вобаста мебошад. Маълум аст, ки соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир яке аз самтҳои сердаромадтарин дар рушди иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ накши муҳим дорад.

Диссератант ба масъалаҳои рушди сайёҳӣ, дар таҳқиқотҳои илмии худ чунин олимон, ба монанди Шарафутдинов В.Н., Амирханов М.М., Александрова А.Ю., Аврах Ю.И., Астахова М.И., Драчев Е.Л., Кварталнов В.А., Романова Г.М., Нубарян Г.Д., Соколова М.В., Татаринов А.А., Черевичко Т.В., Яковенко Г.В. ва дигарон инъикос ёфтаанд. Ба масъалаҳои марбут ба ҷараён ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ, таъсири соҳаи сайёҳӣ ба рушди иқтисодӣ ва таъмини иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳӣ таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ, ба монанди Абдалимов А., Азимов П.Х., Еров Д.Ш., Зарифов У.М., Қодирова М.И., Қодиров Ф.С., Умаров Ҳ.У., Комилиён Ф.С., Қуватбек С., Мирбобоев Ф.Н., Миракзода Ф.Ю., Мирзоахмедов Ф., Мирсаидов А.Б., Рауфӣ А., Нуров Д.С., Сафаров У.А., Собиров М.С., Сайфуллоев Н.Н., Сайдуллоева Д.К., Солеҳзода А.А., Ҳамдамов Б.О., Ҳотамов А.Р. ва дигарон диққати махсус зоҳир карда шудааст.

Инчунин дар сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи Стратегияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030, яке аз самтҳои асосӣ татбиқиислоҳоти куллӣ дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Дар стратегия мавҷудияти мероси бойи таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, табиати беназири он бо кӯлҳо, ҳайвонот ва растаниҳои нодир,

инчунин куллаҳои баландкӯҳ ҳамчун омилҳои асосии рушди сайёҳӣ дар кишвар эътироф карда шудаанд. Барои рушди ин соҳа дар кишвар заминаи меъёрии ҳуқуқии зарурӣ фароҳам оварда шудааст ва як қатор чораҳои ҳавасмандгардонӣ амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла, якчанд минтакаҳои байналмилалии сайёҳӣ бунёд ёфта, ба омма пешкаш карда мешаванд, меҳмонхонаҳо ва марказҳои савдое, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошанд.

Дар автореферат, диссертант иқтисодиёти бахши сайёҳии Тоҷикистон ва муносибатҳои марбут ба таъминоти иттилоотии равандҳои ташкили таблиғи маҳсулоти сайёҳиро дар бар мегирад, ки дар навгонии кор ба пуррагӣ дарҷ гардидаанд.

Умуман коркарди муносибати методӣ ва такмили механизмҳои таъмини иттилоотии ташкили ҷараёни амалиётҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва ташаккули марказҳои иттилоотии сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар ин фаҳмиш далели оддӣ ва эмпирикӣ собит шудааст: ҳар як шахс ҳамчун соҳибмулк амволи ба ӯ тааллукдоштаро мувофиқи салоҳияти худ истифода мебарад. Аммо тавсифи илмии мафҳуми сайёҳӣ бо шарҳи моликият ҳамчун муносибати шахс ба ашё маҳдуд нагардида, тамоми ҷабҳаҳои мазмуни онро ҳамчун низоми муносибатҳои байни одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоиро инъикос мекунад.

Муаллиф технологияҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ (ТИТ)-ро ҳамчун маҷмуи усулҳои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот муаррифӣ намудааст, ки дар он объектҳои сайёҳӣ, усулҳои ташхис, таҳлил ва синтез, инчунин арзёбии оқибатҳои қабули қарорҳои гуногун ба сифати объекти таъсиррасон бароман мекунанд. Дарки моҳияти дастгирии қарорҳои ТИТ таҳияи баъзе моделҳои қабули қарорҳоро пешбинӣ мекунад, ки унсурҳои асосии чунин моделҳоро дар расми 1 нишон додааст. *Аммо бисёр хуб мешуд, ки муаллиф дар расми 1 (саҳ. 13) унсурҳои модели қабули қарор тибқи ТИТ дар баробари дохилкунӣ, қабули қарор ва натиҷагирӣ масъалаи дороиҳоро низ мавриди баррасӣ қарор медод.*

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки камбудиҳои ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти умумии илмӣ ва амалии тадқиқоти ба анҷомрасидашударо вайрон намекунад. Тадқиқоти мазкур дар мавзӯи бе ниҳоят муҳим ва мубрами рӯз бо пуррагӣ ба анҷомрасида ҳисобида мешавад.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён рисолаи илмии пешниҳоднамудадаи Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», бешубҳа кори илмию тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммоҳои илмӣ, ки аҳамияти муҳими афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ дорост ва комилан ба талаботҳои “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тасдиқ гардидааст мутобиқ ва ҷавобӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ), мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Декани факултети иқтисод ва
идораи ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Ғафорзода Ҷ.Ғ.

Имзои Ғафорзода Ҷ.Ғ.– декани факултети иқтисод
ва идораи ДДОТ ба номи С.Айнӣ -ро тасдиқ менамоям.

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Мустафозода А.**

Ғафорзода Ҷ.Ғ., тел.: (+992 931018686),
E-mail: Karaeva.j@mail.ru